Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар дар мавзуи «Инкишофи консепсияи воридотивазкунонӣ дар соҳаи бозори маҳсулоти гӯшту шир: назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.**

Автореферати пешниҳодшуда як таҳқиқоти муҳим ва саривақтиро инъикос менамояд, ки ба ҳалли масъалаи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори комплекси агросаноатӣ тавассути ивазкунии самараноки воридот равона шудааст. Дар шароити чолишҳои муосир – ноустувории логистикаи байналмилалӣ, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои хориҷӣ ва вобастагии технологӣ – мавзуе, ки аз ҷониби унвонҷӯ интихоб шудааст, аҳамияти бечунучарои амалӣ ва илмӣ дорад.

Диссертатсияи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ба таҳияи равишҳои консептуалӣ ва механизмҳои амалии татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ дар мисоли соҳаи гӯшт ва шир бахшида шудааст. Муаллиф зарурати ҳамкории фаъол байни давлат ва бахши хусусиро дар танзими равандҳои такрористеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асоснок намуда, принсипҳои таъмини ташкиливу иқтисодии амсилаи воридотивазкунӣ дар истеҳсолоти аграриро баён намудааст.

Дар кори илмии пешниҳодгардида ба таҳлили амиқи омилҳое, ки рушди истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ва ширии ватаниро бозмедоранд, ба монанди аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда шудани заминаи моддию техникии истеҳсолот, пароканадагии инфрасохтори истеҳсолӣ ва фаъолиятҳои заифи инноватсионӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шудааст. Дар ин замина, ғояи ташкили кластерҳои агросаноатӣ ва ҷорӣ намудани унсурҳои табдилдиҳии рақамӣ дар равандҳои истеҳсолӣ муҳим ва саривақтӣ ба назар мерасад.

Чорабиниҳои пешниҳодшуда вобаста ба таҷҳизонидани техникӣ, рушди ҳамкориҳои давлативу хусусӣ ва васеъ кардани имкониятҳои содиротӣ метавонанд ҳамчун унсури муҳимми сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва миллӣ хизмат намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки хулосаҳои илмии муаллиф ба заминаи васеи эмпирикӣ такя доранд, ки маълумоти омориро аз минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон, аз ҷумла ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон фаро мегиранд. Муаллиф усулҳои муосири таҳлилро, ба мисли амсилаҳои коррелятсионӣ-регрессиявӣ, усулҳои пешгӯӣ, таҳлили системавӣ ва муқоисавиро истифода мебарад, ки ин ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада мусоидат менамояд.

Равияи амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад. Тавсияҳои методӣ ва таклифҳои Ҳамдамзода Х.А. метавонанд дар фаъолияти вазорату идораҳои марбут, субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳамчунин дар раванди таълим ҷорӣ карда шаванд. Аллакай имрӯз баъзе аз муқаррароти диссертатсия дар омӯзиши фанҳои кафедраҳои иқтисодиёт ва идоракунӣ истифода мегарданд.

Кори диссертатсионӣ мустақилона иҷро гардида, бо мантиқ ва мураттабии баён, сатҳи баланди асоснокии илмӣ, муносибати ҳамаҷониба ва татбиқи амалии хулосаҳо тавсир мешавад. Дар асоси маводи ин таҳқиқот 37 корҳои илмӣ, аз ҷумла 26 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд, ки далели расидан ба камолоти илмӣ ва фаъолнокии илмии довталаб мебошад.

Автореферат пурра натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии беназир ва мустақилияти муаллифро инъикос менамояд. Кори диссертатсионии Ҳамдамзода Хурсанд Акбар ба талаботи муқарраршуда барои рисолаҳои докторӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои мушарраф гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Профессори кафедраи «Иқтисодиёти аграрӣ»-и**
**Донишгоҳи давлатии аграрии Тошкент,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор / имзо / М.Х. Саидов**

Суроға: 100140, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш Тошкент, кӯч. Университетская, хон. 2,1. Тел.: (998-71) 260-48-00.
Сомона: tdau.uz

Имзои д.и.и., профессор М.Х. Саидовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои «Донишгоҳи давлатии аграрии Тошкент» / имзо /

**Тарҷума дуруст аст.**

Дурустии тарҷумаро тасдиқ менамоям,
мудири Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Болтаев М.А.

2.08.2025

В диссертационный совет 6D.КОА-016
при Таджикском аграрном университете
имени Шириншоха Шохтемура. Адрес:
Республика Таджикистан, 734003,
г. Душанбе, проспект Рудаки 146.

# ОТЗЫВ

**на автореферат диссертации Хамдамзода Хурсанда Акбара на тему: «Развитие концепции импортозамещения на рынке мясомолочной продукции: теория и практика», представленной на соискание ученой степени доктора экономических наук по специальности 08.00.04.02 – Экономика агропромышленного комплекса**

Представленный автореферат отражает актуальное и значимое исследование, направленное на решение стратегической задачи обеспечения продовольственной безопасности и устойчивого развития агропромышленного комплекса на основе эффективного импортозамещения. В условиях современных вызовов – нестабильности международной логистики, колебаний цен на внешних рынках и технологической зависимости – тема, избранная соискателем, обладает неоспоримой практической и научной значимостью.

Диссертация Хамдамзода Хурсанда Акбара посвящена разработке концептуальных подходов и практических механизмов реализации политики импортозамещения на примере мясомолочного сектора. Автором обоснована необходимость активного сотрудничества государства и частного сектора в регулирование процессов воспроизводства аграрной продукции, а также сформулированы принципы организационно-экономического обеспечения импортозамещающей модели в аграрном производстве.

В научной работе заслуживает внимания глубокий анализ факторов, сдерживающих развитие отечественного производства мясомолочной продукции, в том числе морально и физически устаревшей материально-технической базы, фрагментированной производственной инфраструктуры, а также слабой инновационной активности. В этой связи актуальной представляется идея создания агропромышленных кластеров и внедрения элементов цифровой трансформации в производственные процессы. Предложенные меры по техническому перевооружению, развитию государственно-частного партнёрства и расширению экспортных возможностей могут стать важным компонентом региональной и национальной экономической политики.

Следует отметить, что научные выводы автора опираются на обширную эмпирическую базу, охватывающую статистические данные по различным регионам Республики Таджикистан, включая ГБАО, Согдийскую и Хатлонскую области. Автор использует современные методы анализа: корреляционно-регрессионные модели, методы прогнозирования, системный и сравнительный анализ, что повышает достоверность и обоснованность полученных результатов.

Практическая направленность исследования выражается в возможности использования его результатов для совершенствования государственной политики в аграрном секторе. Методические положения и предложения Хамдамзода Х.А. могут быть внедрены в деятельность профильных министерств, хозяйствующих субъектов, а также в образовательный процесс. Уже сегодня отдельные положения диссертации используются в преподавании на кафедрах экономики и управления.

Диссертационная работа выполнена самостоятельно, характеризуется внутренней логикой изложения, высоким уровнем научной обоснованности, целостностью подхода и практической применимостью. По материалам исследования опубликовано 37 научных трудов, в том числе 26 статей – в рецензируемых изданиях, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан, что свидетельствует о научной зрелости и активности соискателя.

Автореферат в полной мере отражает основные результаты оригинального и самостоятельного научного исследования. Диссертационная работа Хамдамзода Хурсанда Акбара соответствует требованиям, предъявляемым к докторским диссертациям, а её автор заслуживает присуждения учёной степени доктора экономических наук по специальности 08.00.04.02 – Экономика агропромышленного комплекса.

**Рецензент:**
**Профессор кафедры «Агроэкономика»**
**Ташкентского государственного аграрного**
**университета, доктор экономических наук,**
**профессор** **М.Х.Саидов**
Адрес: 100140, Республика Узбекистон, г. Ташкент, ул. Университетская, дом 2, 1.
Тел.: (998-71) 260-48-00.
Сайт: tdau.uz

Подпись д.э.н., профессора Саидова М. Х..Удостоверяю:
Начальник отдела кадров «Ташкентского государственного аграрного университета»

Xodimlar bilan ishlash boshqarmasi

20.08.2025